**Тақризи**

**муқаррizi расмӣ ба кори диссертатсионии Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Бузургтарин дастоварди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол бешубҳа устувор шудани сохти бисёрҳизбӣ мебошад, ки ҷузъи муҳими давлати демократӣ ба ҳисоб меравад. Ислоҳоти сохтори сиёсии мамлакат пайдо шудани ҳизбу созмонҳои навро тақозо мекард, зеро он ҳизбу созмонҳое, ки дар замони бозсозии шуравӣ ва ибтидои истиқлолият (солҳои 1989-1992) ба майдон омаданд, худро дар назди ҷомеа бадном сохтанд. Барои ба даст овардани сулҳу оромӣ ва ягонагӣ дар ҷумҳурӣ маҳз ҳизбу созмонҳои навтаъсис мусоидат намуданд.

Яке аз чунин ҳизбҳои зодаи истиқлол Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буд, ки замони таъсиси он ба соли 1994 рост омад. Инак ин ҳизб зиёда аз 25 сол аст, ки дар майдони сиёсии Тоҷикистон фаъолият мекунад ва дар ин давра ба бонуфузтарин ҳизби сиёсии мамлакат табдил ёфт. Бояд қайд намуд, ки аксари дастовардҳои Тоҷикистон дар соҳаи сиёсӣ ба фаъолияти ин ҳизб вобастгии амиқ дорад. Ташаббускор ва роҳбари доимии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки тамоми дастовардҳои ҳизб маҳз ба Сарвари давлати мо иртибот дорад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар тӯли начандон зиёди таърихӣ тавонист дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон нақши худро гузорад. Ба андешаи мо, вақти он расидааст, ки фаъолияти ин ҳизб аз нигоҳи илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирад. Аз ин нигоҳ, метавон гуфт, ки диссертатсияи илмии Қурбонова Ш. И. саривақтӣ ва мубрам буда, қадами нав дар таърихнигории таърихи муосири кишвар мебошад.

Диссертатсияи Қурбонова Ш.И. «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» аз сарсухан, чаҳор боб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (дар марҳилаи аввали ташаккулёбӣ бо номи Ҳизби Халқии Тоҷикистон ном бурда мешуд) пеши худ мақсад гузошта буд, ки маҳз ҳамин хел қувваи бунёдкор ва азнавсози ҷамъият шавад.

Дар қисмати дувуми боби дувум "Тамоюлҳои асосии ташаккулёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (солҳои 1994-1998)" сабабҳо ва заминаҳои таъсиси ҳизб возеҳ нишон дода шудаанд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки "Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҷойи холӣ бунёд гардида, таҷрибаи мусбати аҳзоби сиёсии дигарро ба кор бурда, аз амалияи сиёсии ҷаҳонӣ истифода бурдааст". Ҳизби мазкур аз рӯзҳои аввали ташкилёбӣ тарафдори роҳу равиши пешрафт буд. Ин аст, ки дар байни халқи кишвар дар муддати кӯтоҳ обрӯи баланди сиёсӣ пайдо карда, тарафдоронаш тамоми ҷумҳуриро фаро гирифтанд.

Шиносоӣ бо диссертатсия нишон медиҳад, ки дар солҳои мудҳиштарин барои миллати тоҷик, аз ҷумла оштии миллӣ, таъмини сулҳу суботи дохилӣ, хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш, мустаҳкам гардидани ҳокимияти конститутсионӣ ва амсоли он ҲХДТ аз худ фаъолияти басо назаррас нишон додааст.

Хулосаи муаллиф ҷиҳати "дар давраи ташаккулёбӣ (1994-1998) ҲХДТ боварии шаҳрвандони мамлакатро ба даст овард", қобили қабул буда, асоси мукаммали илмӣ дорад. Зеро дар ин давра мардум шоҳиди он гардиданд, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳизби халқӣ буда, ҳамеша бо халқ ва ҷонибдори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ аст.

Қисмати сеюми боби дуюм "Нақши раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор

гардидани сулҳи тоҷикон” ном дорад. Моҳияти инсонгароёнаи сиёсати Сарвари давлат дар душвортарин лаҳзаҳои оғози даврони истиқлолият, ки бар асари ҷанги бародаркуш ҳастӣ ва бақои миллати тоҷик дар маърази хатар қарор гирифта буд, ба тамом ба зуҳур омад. Дар ин овони худсӯзии миллӣ Эмомалӣ Раҳмон бо эътимоди комил ба гароиши азалии мардуми мо ба сулҳу салоҳ ва мусолимату мадоро масъалаи оштиву ваҳдати миллӣ, таъмини якпорчагии Тоҷикистон ва бозгашти муҳоҷирони иҷбории тоҷикро дар меҳвари сиёсат ва фаъолияти густурдаи худ қарор дод. Дар ин параграф масъалаҳои дар шароити вазнини ҷанги шаҳрвандӣ аз тарафи сарвари давлат таъсис додани ҳизб, ки дар як вақт ба ваҳдати ҷомеа оварда расонид, кӯшишҳои Раиси ҳизб дар баргузор намуданигуфтушуниди байни тоҷикон, ташкили Шурои ҷамъиятӣ, конференсияву ҷашнҳо, ки мардумро сарҷамъ намуданд, баррасӣ шудаанд. Тавре аз рисола бармеояд, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки зода ва дастоварди истиқлолияти кишвар мебошад, зери роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар истиқрори сулҳ ва муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзандаи худро гузошт.

Боби сеюми диссертатсия “Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтмоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ-фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2010” ном дошта, қисмати якуми он ба фаъолияти ҲХДТ дар пешбурди идеологияи давлатӣ ва баланд бардоштани шуури ҷамъиятӣ бахшида шудааст. Муаллиф дуруст зикр менамояд, ки Ҳизби Халқи Демократии Тоҷикистон аз ҷавонтарин ҳизбҳои сиёсии кишвар буда, метавон онро зодаи даврони истиқлол номид. Ҳадафи ташкили ин ҳизб, ки дар он неруҳои ақлонии кишвар ба ҳам омаданд, бо роҳи мусолиҳа ва гуфтушунид ҳал кардани масоили сиёсӣ буд, ки онро сарбаландона иҷро намуд. Дар ин ҷо муаллиф фаъолияти ҳизбро дар ин самт таҳлил намуда, нақши онро дар пешбурди сиёсати давлат нишон дода тавонистааст.

Масъалаҳои бо роҳи гузаронидани анҷуману конференсияҳо, семинарҳо ва тавассути рӯзномаи ҳизбӣ ба мардум расонидани мақсаду мароми Ҳукумат, ҳамкорӣ бо дигар созмону ҳизбҳои сиёсӣ, бахусус бо Шурои ҷамъиятии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар асоси асноди муътамад, возеҳ баррасӣ шудаанд.

Параграфи дуюми боби сеюм "Самтҳои асосии фаъолияти ҲХДТ ва нақши он дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Тоҷикистон солҳои 2006-2010" ном дорад. Дар ин ҷо муаллиф фаъолияти амалии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро вобаста ба муҳтавои барномаи ҳизб ва қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар соҳаҳои ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва ичтимоиву фарҳангӣ матраҳ кардааст. Саҳми ҳизб дар ҳалли масоили иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ, бахусус дар амалӣ намудани се ҳадафи стратегии Ҳукумати мамлакат амиқ нишон дода шудааст.

Дар параграфи сеюми ин боб, ки "Робитаҳои байналмилалии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон" номгузорӣ шудааст, ҳамкории ҳизб бо ҳизбу созмонҳои хориҷӣ, бахусус бо ҳизби коммунистии Хитой, дар роҳи дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ намудани сиёсати кишвар таҳти унвони "дарҳои кушод" ва фарҳангу анъанҳои фарҳангии он нишон дода шудааст. Дар он, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид иқдомҳои пешниҳоднамудаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гардидани "Соли оби тоза-соли 2003-", "Даҳсолаи байналхалқии амалиёт "Об барои хаёт-солҳои 2005-2015-", "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" солҳои 2018-2028" дастгирӣ ёфтанд, бешубҳа саҳми ҳизб низ ба назар мерасад.

Боби чаҳоруми диссертатсия "Фаъолияти институтсионалии сохторҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2019" номгузорӣ шуда, бахши аввали он ба рушди минбаъдаи фаъолияти ҲХДТ бахшида шудааст, ки дар он муаллиф дар натиҷаи омӯхтани протоколу дигар ҳуҷҷатҳои ҳизбӣ ва матбуоти даврӣ, бахусус рӯзномаи

ҳизб фаъолияти бисёрҷабҳаи онро нишон додааст. Аз фаъолияти сипаригаштаи ҳизб муайян мегардад, ки ташкилотҳои ҳизбӣ дар амри истиқбол ва таҷлил намудани санаҳои таърихӣ ва ҷашнҳои муҳими ҷумҳуриявӣ дар сафи пеш қарор доштанд. Онҳо худро ба сифати таблиғгарони ғояҳои созандаи ҳизб, суннатҳои давлатсозӣ, кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ, таҷлили ҷашну маросимҳо ва ташвиқгарони дастовардҳои солҳои истиқлолияти кишвар ва мубаллиғони варзидаи сулҳу суботи комил, ваҳдату якпорчагии мардуми сарбаланди тоҷик нишон доданд.

Бахши дуюми ин боб "Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар парлумони кишвар" ном дошта фаъолияти ҳизбро дар парламенти кишвар баррасӣ намудааст. Мубрамияти ин бахши кор дар он аст, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ширкат дар парламент ҳизби асосӣ ба шумор меравад ва дар қабули қарору қонунҳо фаъолона иштирок мекунад.

Дар бахши сеюми боби чаҳорум "Фаъолияти кумита ва ташкилотҳои ибтидоии ҲХДТ (дар мисоли Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе)" нишон дода шудааст.

Муаллифи рисола зикр менамояд, ки "тамоми барномаҳо ва нақша-чорабиниҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе оғоз мегардад ва ба ҳайси Кумитаи ҳизбии дар пойтахти мамлакат қарордошта, кори тамоми ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии шаҳри Душанбе ниҳоят ҷиддӣ, конкретӣ ва муназзам ба роҳ монда шуда, нисбат ба дигар кумита ва ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ фаъолияти назаррас дорад". Умуман дар ин бахш муаллиф тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар шаҳри Душанбе бо мисолҳои конкретӣ нишон додааст.

Хулосаи муаллиф аз мазмун ва муҳтавои диссертатсия сарчашма гирифта, асоси комили илмӣ дорад.

Автореферат ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари ин ҳамчун муқарризи расмӣ якчанд эродҳои худро, ки дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ ба миён омаданд, баён менамоям:

- дар боби сеюм саҳми ҳизб дар амалӣ шудани чораҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ ба таври кофӣ нишон дода нашудааст;
- дар рисола фаъолияти кумитаҳои вилоятии ҳизб баррасӣ нашудаанд;
- дар диссертатсия баъзан такрори фикр ба назар мерасад;
- баъзе норасоиҳои характери техникӣ дошта мавҷуданд.

Вале ин эродҳо характери принсипиалӣ надоранд ва дастовардҳои асосии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Рисолаи диссертатсионии «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърихӣ) ба талаботи пешниҳодкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд. Мувофиқи бандҳои 10, 11, 12 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”-и тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505, унвонҷӯ Қурбонова Ширин Исмоиловна арзандаи дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои таърих,
профессори кафедраи Таърихи халқи тоҷик
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Давлатов Муллошо

Имзои М. Давлатовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Э. Наврӯзов